Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР

аз 30 октябри соли 2026 № 700

ш. Душанбе

Дар бораи Барномаи давлатии омӯзиши криосфера ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи давлатии омӯзиши криосфера ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Барномаи давлатии омӯзиши криосфера ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати амалигардонии Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои он тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳар сол то 1 феврал ба Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рафти амалигардонии Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои он ҳар сол то 1 март ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

4. Қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шаванд:

- аз 3 майи соли 2010, №209 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигаҳдории пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030»;

- аз 2 сентябри соли 2010, №417 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030».

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 30 октября 2026 года № 700

г. Душанбе

О Государственной программе изучения криосферы и защиты ледников Таджикистана на 2026-2030 годы

В соответствии со статьями 4 и 12 Закона Республики Таджикистан «О стратегическом планировании и государственном прогнозировании» и статьей 57 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1. Утвердить Государственную программу изучения криосферы и защиты ледников Таджикистана на 2026-2030 годы и План мероприятий по реализации Государственной программы изучения криосферы и защиты ледников Таджикистана на 2026-2030 годы (приложения 1 и 2).

2. Соответствующим министерствам и ведомствам, исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов принимать необходимые меры по реализации настоящей Программы и её Плана мероприятий и ежегодно до 1 февраля представлять информацию Комитету по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан.

3. Комитету по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан ежегодно до 1 марта представлять Правительству Республики Таджикистан информацию о ходе реализации настоящей Программы и её Плана мероприятий.

4. Признать утратившими силу следующие постановления Правительства Республики Таджикистан:

- от 3 мая 2010 года, №209 «О утверждении Государственной программе изучения и сохранения ледников Таджикистана на 2010-2030 годы»;

- от 2 сентября 2010 года, №417 «О Плане мероприятий по выполнению Государственной программы по изучению и сохранению ледников Таджикистана на 2010-2030 годы».

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомали Рахмон